**Тақризи роҳбари илмӣ**
**ба диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар**
**дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Нуриддинзода Сайҷамолиддин Ҳайдар дар давраи гузаронидани таҳқиқот ба сифати унвонҷӯйи кафедра худро ҳамчун муҳаққиқи фаъол муаррифӣ намуда, фаъолияти илмию таҳқиқотии хешро дар доираи нақшаи кори илмӣ дар марҳилаҳои муайяншуда иҷро мекард. Дар марҳилаҳои аввали гузаронидани таҳқиқот ба муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионии худ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, масъалаи асосии худро барои расидан ба ҳадаф ва ба даст овардани натиҷаҳои интизорӣ ба таври доимӣ пайгирӣ менамуд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ қобилияти кор намудан бо адабиёти илмиро омӯхтааст. Дар таҳқиқоти ӯ доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои назариявӣ истифода шудаанд. Ҳамаи адабиёти истифодашуда бо мавзӯи таҳқиқот робитаи мустақим доранд. Натиҷаҳои назариявию амалии аз ҷониби муаллиф ба дастомада гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки қобилиятҳои таҳқиқотии ӯ дар сатҳи зарурӣ ташаккул ёфтаанд. Дар давраи унвонҷӯйии худ ӯ тавонист, ки адабиёт ва сарчашмаҳои ҷамъовардаи худро таҳлил намуда, бо истифода аз методҳои илмии соҳаи сиёсатшиносӣ онҳоро коркард созад ва натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст намояд.

Дар диссертатсияи Нуриддинзода С.Ҳ. яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии ҷомеа таҳқиқ гардидааст. Мубрамияти мавзуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот шаҳодат аз он медиҳанд, ки масъалаи омӯхташуда бо таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ алоқаманд мебошад. Мубрамияти мавзуи диссертатсияро бо чанд омил асоснок намудан мумкин аст. Якум, дар шароити рушди технологияҳои иттилооти тавсеаи миқёси ҷангҳои иттилоотӣ ва таъсиррасонии манфӣ ба афкори ҷамъиятӣ бештар шуда истодаанд. Дар ин раванд зиёд шудани шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет, бештар гардидани шаклҳои навини назарфиребии сиёсӣ, аз ҷониби шаҳрвандон дарк нашудани таъсири манфии чунин падидаҳо хавфи ифротгароӣ ва тундгароиро бештар менамояд. Дуюм ин, ки дар шароити имрӯза рӯз то рӯз фаъолияти иттилоотии ташкилотҳои террористию экстремистӣ бештар гардида истодаанд. Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва иқтидори манипулятивии онҳо ба ташкилотҳои мазкур имконият додаанд, ки

шаклҳои гуногуни технологияҳои назарфиребиро барои амалӣ намудани мақсадҳои худ истифода баранд. Сеюм ин, ки назарфиребии сиёсӣ айни замон унсури муҳимтарини ҷангҳои иттилоотиро ташкил медиҳад. Қайд намудан бамаврид аст, ки ҷангҳои иттилоотии замони муосир бештар аз ҳама бо низоъҳои сиёсии гуногунсатҳ алоқамандӣ пайдо намудааст. Агар ба ин масъала ба таври ҷиддӣ таваҷҷуҳ зоҳир шавад, мушоҳида намудан мумкин аст, ки низоъҳои сиёсӣ на танҳо сарчашма ва сабаби ба амал омадани ҷангҳои иттилоотӣ мегарданд, балки масъалаҳои марказии назарфиребии сиёсӣ мебошанд.

Айни замон дар фазои иттилоотию идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифодаи назарфиребии сиёсӣ хеле зиёд гардида истодааст. Дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон онро бештар аз ҳама ташкилотҳои террористию экстремистӣ истифода намуда истодаанд. Дар заминаи технологияҳои гуногуни назарфиребии сиёсӣ тарғибу ташвиқ намудани ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, паҳн намудани иттилооти иғвоангез ва носаҳеҳ хеле зиёд ба назар мерасанд. Чунин ҳолат дар марҳилаи имрӯзаи давлатдории миллӣ ба амнияти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ба таври воқеӣ таҳдид менамояд. Бо назардошти оқибатҳои манфии истифодаи назарфиребии сиёсӣ гуфтан мумкин аст, ки мавзӯи мазкур дар шароити ҷомеаи Тоҷик хеле мубрам мебошад. Омӯзиши ин мавзӯъ имкон медиҳад, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала заминаи илмию назариявӣ ба вуҷуд оварда шавад. Инчунин муайян намудани шаклҳои зоҳиршавии назарфиребии сиёсӣ, нишон додани оқибатҳои манфии онҳо ва пайдо намудани роҳу усулҳои пешгирӣ намудани пайомадҳои онро дар заминаи таҳлилу таҳқиқи ин мавзӯъ ҳаллу фасл намудан мумкин аст.

Нуриддинзода С.Ҳ. дар диссертатсияи худ ба масъалаҳои дар боло номбаргардида диққати зарурӣ дода, дар доираи қисмҳои алоҳидаи таҳқиқоти худ онҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст. Аз сохтори мантиқии диссертатсия мушоҳида намудан мумкин аст, ки муаллиф дар аввал ҷанбаҳои таърихию сиёсии мавзуъро таҳқиқ намуда, аз давраҳои қадим мавриди истифода қарор гирифтани онро асоснок кардааст. Инчунин муаллиф ба дигаргуншавии шаклҳои назарфиребии сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда, дар зери таъсири дигаргуниҳои иттилоотию технологӣ тағйир ёфтани онҳоро низ муайян кардааст. Ин аст, ки дар таҳқиқоти ӯ шаклҳои гуногуни назарфиребии сиёсӣ дар шароити имрӯза нишон дода шудаанд. Баъдан истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистиро низ таҳқиқ намудааст. Дар раванди омӯзиши ин масъала ӯ ба

хулосае омадааст, ки дар шароити имрӯза ба суботи сиёсии Тоҷикистон бештар аз ҳама таъсири фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ зиёд ба назар мерасад.

Дар қисми дуюми диссертатсия дар заминаи таҳлилу баррасии воқеаҳои гуногун таъсири назарфиребии сиёсӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар ин раванд муаллиф сарчашмаҳои зиёди эмпирикиро истифода бурдааст, ки онҳо эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бештар гардонидаанд. Дар баробари муайян намудани хавфу хатари назарфиребии сиёсӣ инчунин муаллиф роҳу усулҳои пешгирӣ намудани таъсири манфии онҳоро низ нишон додааст.

Эътимоднокии хулосаҳо, натиҷаҳои таҳқикот ва тавсияҳои амалии муаллиф ба воситаи маводи таҳлилгардида, методҳои илмии истифодашуда ва сарчашмаҳои иттилоотию эмпирикӣ асоснок карда мешаванд. Аз ин рӯ, маводи диссертатсия аҳамияти зиёди назариявию амалӣ дорад. Онҳоро ҳам дар раванди таълим, ҳам дар фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҳам дар коркарди консепсия ва стратегияҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм истифода намудан мумкин аст.

Хулоса диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аз рӯйи сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аст.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Муродова Г.Р.

Имзои дотсент Муродова Г.Р.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Амиров Ф.